*Ба Шурои диссертатсионии 6D.K0A- 004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни*
*Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён,*
*бинои таълимии №8, синф. 102)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод шудааст.**

Аҳаммияти рӯзафзуни захираҳои об дар сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, ҳамзамон бо амиқ гардидани бӯҳрони глобалии об ва шиддатёбии мушкилоти истифода ва ҳифзи он, тақозо менамояд, ки ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар ин соҳа такмил дода шаванд. Дар чунин шароит, ҳамоҳангсозии сиёсати давлатҳо, ҷорӣ намудани идоракунии муосири захираҳои об ва тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ барои истифодаи устувор ва оқилонаи об аҳаммияти калидӣ доранд.

Масъалаи мазкур аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қаблан эътироф гардида, имрӯз ба яке аз самтҳои афзалиятноки рӯзномаи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Ин раванд на танҳо барои рушди ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ зарур аст, балки ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар дохили минтақа ва берун аз он низ нақши асосӣ мебозад.

Дар ҳақиқат, вазъияти зикргардида тақозо менамояд, ки ҳамкориҳои судманд ва ҳамоҳангшудаи байнидавлатӣ дар самти истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои обӣ густариш дода шаванд. Дар чунин шароит, таҳкими ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ, инчунин таҳия ва татбиқи механизмҳои муштараки идоракунии захираҳои об аҳаммияти калидӣ пайдо мекунанд.

Дар айни замон, таъкид намудани саъю талошҳои давлатҳои минтақа дар самти истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об, инчунин рушди механизмҳои дастгирии мутақобила ва таҳкими шарикии стратегӣ миёни кишварҳо дар соҳаи идоракунии обҳои фаромарзӣ, аҳаммияти муҳим касб менамояд. Ин равандҳо бояд ба таъмини манфиатҳои бунёдии аҳолии минтақа ва истифодаи одилонаву устувори захираҳои об равона гарданд.

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр, кори диссертатсионӣ мубрам буда, натиҷаҳои он аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта метавонад.

Ҳангоми ошноӣ пайдо кардан бо автореферати диссертатсия ба хулосае овард, ки унвонҷӯ назди худ мақсади инкишоф додани муқарраротӣ илмии рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводди кишварҳои Осиёи Марказӣ) ва асосноккунии таъмини шароити мусоид, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизмҳои

ҳамкории об дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалиро гузошта, тавонистааст, ки тавассути иҷрои вазифаҳои дар кори диссертатсионӣ вогузоршуда ба он ноил гардад.

Мувофиқи ақидаи муаллиф фазои дарёҳои фаромарзӣ танҳо майдони ҷуғрофӣ набуда, балки як майдони муҳими стратегӣ аст, ҷиҳати муваффақ шудан дар ҳамкориҳои байнидавлатӣ бояд мантиқи иқтисодиёти ҷаҳониро дарк карда шавад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки арзёбии ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар рушди фазои дарёҳои фаромарзӣ дар заминаи идоракунии глобалӣ аз нуктаи назари илмӣ зарурати таъхирнопазири дарки тамоюлҳои муосири иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад (саҳ. 9).

Бо муаллиф, бобати «захираҳои об унсури муҳимтарини нерӯи захиравӣ, муҳимтарин ҷузъи муҳити зист, инчунин, сарчашмаи осебпазир ва маҳдуд ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ захираҳои об бояд ҳамчун сарчашмаи ҳаёт ва фаъолияти аҳолии дар ин минтақа истиқоматкунанда, таъминкунандаи рушди иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии мардуми минтақа, инчунин, омили мавҷудияти олами ҳайвоноту наботот оқилона истифода бурда шуда, таҳти назорат ва ҳифз қарор дода шаванд», розӣ нашудан мушкил аст ва ба фикри мо низ, ин падида асоси ҷиҳати минтақавии масъалаи таҳқиқшаванда мебошад (саҳ. 10).

Ба андешаи Муҳаммадзода Ҷ.А. дар оянда бо дарназардошти принсипҳое, ки ба истифодаи оби байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муносибанд, ба баъзе созишномаҳои байнидавлатии мутааллиқ ба бахши ҳамкориҳо дар самти захираҳои об тағйирот ворид намудан лозим аст (саҳ. 17), ки пешниҳоди тавсияи амалӣ дуруст асоснок шудааст.

Тавсияҳои амалии дар рисола пешниҳодшуда илман асоснок шудааст ва аз ҷиҳати самаранокию фарогирии муаммои таҳқиқшуда, ба фикри мо дуруст буда, тавсияи сармоягузорӣ ва кӯмаки техникӣ расонидан дар раванди сохтмони муштараки иншооти гидротехникӣ, ҳангоми барқарорсозии низомҳои обёрии заминҳои кишоварзӣ, ки дар натиҷаи хатарҳои экологӣ ва офатҳои табиӣ зарар дидаанд, мусоидат дар таҳқиқоти гидрогеологӣ ҷиҳати истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои обҳои зеризаминии ҳудудҳои як қатор давлатҳои минтақа, ба роҳ мондани низоми мониторинги дастаҷамъӣ доир ба сифати захираҳои об, тавассути дастгирии молиявии давлат ҷорӣ намудани технологияҳои муосири рушди бозори хизматрасонии об, таҳким ва ҷалби минбаъдаи сармояи хориҷӣ ба хоҷагии об ва ғайраи муаллиф қобили қабул буда, мо низ бо ин тавияҳои муаллиф ҳамақида мебошем (саҳ. 45, 46).

Баробари ҷиҳатҳои мусбии кори таҳқиқотӣ, он аз камбудӣ низ холӣ намебошад. Автореферати кори диссертатсионии баррасишаванда низ баъзе норасоиҳоро дорост, аз қабили:

Дар ҷадвали 9.-и автореферат нишондиҳандаҳои асосии нерӯгоҳҳои обии дарёи Вахш хеле хуб ҳисоби китоб ва таҳлилу хулосабардорӣ карда шудааст, вале нишондиҳандаҳои сарбории об, таъсири

нерӯгоҳ ба экосистема ва чараёни табиии дарё, зариби фоиданокӣ, аҳаммияти вазъияти мазкур барои давраҳои оянда чӣ гуна мебошад, нокифоя арзёбӣ гардидааст.

Эродҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба баҳои умумии кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонад.

Хулоса, кори диссертатсионии Муҳаммадзода Ҷ.А. дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)», ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати чунин корҳои гузошташуда ҷавобгӯй буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Бойматов Алиҷон Азизович

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд, 17-мкр-н, хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594
E-mail: baymatov45@mail.ru

Имзои д.и.и, професссори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ Бойматов А.А. - ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ — Бобоев А. Х.

“ 31 ” 03 соли 2026